# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-039 пешниҳод гардидааст

Пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор аз ҷумлаи бемориҳои паразитии дорои аҳаммияти назарраси ветеринарӣ буда, дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд. Паҳншавӣ ва шиддатнокии ин бемориҳо ба омилҳои муҳити зист, шароити иқлимӣ, хусусиятҳои нигоҳубини чорво ва мавҷудияти канаҳои иксодӣ ҳамчун интиқолдиҳандагони барангезандагон вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши хусусиятҳои эпизоотологӣ, муайян намудани намудҳои барангезандагон ва таҳияи усулҳои самараноки табобату пешгирӣ аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Аз мазмуни автореферат маълум мегардад, ки Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич ба омӯзиши маҷмӯи масъалаҳои марбут ба пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ диққати махсус додааст. Дар ҷараёни таҳқиқот намудҳои асосии барангезандагон, аз ҷумла *Theileria annulata*, *Babesia bigemina* ва *Babesia colchica*, хусусиятҳои паҳншавии онҳо дар минтақаҳои гуногун, таъсири омилҳои экологӣ ва биологӣ, инчунин шаклҳои якка ва омехтаи инвазия омӯхта шудаанд.

**Навгониҳои муҳими кор** муайян намудани таркиби намудӣ ва паҳншавии канаҳои иксодӣ ҳамчун интиқолдиҳандагони пироплазмидозҳо, инчунин омӯзиши самаранокии ваксинаи заифкардашудаи зидди тейлериоз аз штамми $S_{15}$-и *Theileria annulata* мебошад, ки дар шароити таҷрибавӣ 100% самаранокӣ нишон додааст. Ҳамзамон, таъсири доруҳои зиддипротозойӣ ва воситаҳои инсектоакаритсидӣ омӯхта шуда, чораҳои табобатию пешгирикунанда пешниҳод гардидаанд.

Тадқиқот бо истифодаи усулҳои саҳроӣ, клиникӣ, паразитологӣ, лабораторӣ ва таҷрибавӣ анҷом дода шуда, натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти адабиёти илмӣ муқоиса гардидаанд. Диссертатсия дар ҳаҷми 154 саҳифа буда, аз 13 зерфасли тадқиқоти хусусӣ иборат аст. Рӯйхати адабиёт 273 сарчашмаро, аз ҷумла 62 манбаи хориҷиро дар бар мегирад. Натиҷаҳо дар 11 ҷадвал ва 3 расм пешниҳод шудаанд.

Натиҷаҳои тадқиқот дар 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда, нашр гардидаанд.

Мазмун ва натиҷаҳои тадқиқот ба ихтисоси 4.3.6. Паразитология мувофиқат намуда, масъалаҳои барангезандагони бемориҳои паразитӣ, паҳншавӣ, нақши интиқолдиҳандагон, ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои инвазиониро фаро мегиранд.

**Хулоса**

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич натиҷаи тадқиқоти мустақилона буда, ба омӯзиш ва такмили

усулҳои табобату пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ равона шудааст. Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд. Бо дарназардошти натиҷаҳои илмӣ ва аҳаммияти амалии тадқиқот, диссертатсия ба талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология мебошад.

Мудири кафедраи зоологияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
номзади илмҳои биологӣ
23 сентябри соли 2026 Имонов М.Ш.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳабибулло Назар 40
Тел.: 981056668;
Почтаи электронӣ: m.imonov@mail.ru

Имзои Имонов М.Ш.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Қодирзода С.М.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121,
тел.: +992 (37) 2241383;
почтаи электронӣ: info@tgpu.tj
23 сентябри соли 2026